«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
профессор __________ Шарифзода М.М.
«_17_» ___03_______ 2023с.

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Диссертатсияи Азимова Муқадасхон Мухамедовна дар мавзуи: «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти мукаммал ва ба анҷомрасида буда, он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

Аз соли 2014 инҷониб Азимова Муқадасхон Мухамедовна унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи факултети бизнес ва идоракунии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Мавзӯи диссертатсияи номзадӣ дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз таърихи 30.04.2014, протоколи №8 тасдиқ шудааст. Ҳамчун роҳбари илмӣ Мирсаидов Саидакмал Авророович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тасдиқ шудааст.

Муҳокимаи диссертатсионӣ дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи факултети бизнес ва идоракунии Донишгоҳи

давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар санаи 20.09.2022 (протоколи №2) баргузор гардид.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи:«Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулоса қабул карда шуд.

**Арзёбии диссертатсияи унвонҷӯ**. Диссертатсияи Азимова Мукадасхон Мухамедовна актуалӣ буда, кори мустақилона ва анҷомёфтаи таҳқиқотӣ оид ба баланд бардоштани рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ арзёбӣ гаштааст.

**Мақсади таҳқиқот** аз омӯзиши асосҳои назариявии рушди бахши давлатии иқтисодиёт, таҳлили ҳолат ва тамоюлҳои тағйирёбии он, таҳияи муқарароти методологӣ, ҳадафҳои стратегӣ ва тавсияҳои амалӣ иборат аст, ки низоми инкишофёфта ва муассири идоракунии соҳаи пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоиро дар бахши давлатии иқтисодӣ таъмин мекунанд.

**Вазифаи таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ин ҳадаф ҳалли вазифаҳои зерин ба назар гирифта шудааст:

- ворид намудани муқаррарот доир ба моҳият ва сохтори неъматҳои муҳимми ҷамъиятӣ ва неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ҳамчун объекти идоракунии бахши давлатии иқтисодиёти сатҳои гуногун;

- таҳқиқи рушди низому иқтидори институтсионалии бахши давлатии иқтисоди минтақа ҳамчун механизми идоракунӣ, инчунин муайян кардани хусусиятҳои минтақавии фаъолияти бахши давлатӣ дар соҳаи пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ;

- арзёбии марҳилаҳои рушди бахши давлатии иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сифати идоракунии он дар соҳаи пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ;

- ошкор намудани мавқеи соҳаҳои маориф ва тандурустӣ ба афзоиши МММ-и Суғд дар асоси таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ;

- асоснок намудани роҳҳои такомули низоми ташкилии идоракунӣ, пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, тавсифи типологияи бахши давлатии иқтисодиёт дар сатҳи минтақавӣ ва муайян намудани роҳҳои васеъ кардани таъминоти захиравии он;

- коркарди тавсия доир ба фаъол гардонидани самтҳои стратегии низоми идоракунии бахши иқтисодиёти давлатӣ дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ дар вилояти Суғд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар коркарди асосҳои назариявию методии такмили механизмҳои идоракунии рушди бахши давлатии иқтисодиёти минтақа дар самти истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои (хизматрасониҳои) муҳимми иҷтимоӣ ва тавсияҳои амалӣ доир ба баланд бардоштани сатҳи самаранокӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо дар субъектҳои бахши номбурдаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

**Натиҷаҳои назарраси илмие**, ки аз тарафи муаллиф пешниҳод шуда, навгонии илмии таҳқиқотро муайян мекунанд, чунинанд:

1. Ба мафҳуми бахши давлатии иқтисодиёт дар асоси ҷамъбасти тафсирҳои гуногуни мафҳуми мазкур, ки дар адабиёти иқтисодӣ мавҷуд аст, тасҳеҳ ворид карда шуд. Бахши давлатӣ ҳамчун як ҷузъи сохтории иқтисоди омехта маҷмӯи сохторҳо ва ташкилотҳои институтсионалӣ мебошад, ки ба истеҳсол ва пешниҳод кардани неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ баҳри қонеъ кардани эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва дар асоси захираҳои (пеш аз ҳама молиявӣ) дар ихтиёри онҳо мавҷудбуда равона карда шудааст.

2. Асоснок карда шуд, ки такмилу коркарди механизмҳои идоракунии рушди бахши давлатии иқтисодиёти минтақа дар самти истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои (хизматрасониҳои) муҳимми иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ғ.) бояд ба сифату хусусияти неъматҳои

омехтаи ҷамъиятӣ, ки ба онҳо ҳам танзими давлатӣ ва ҳам танзими бозорӣ хос аст, такя кунад; исбот карда шудааст, ки дар натиҷаи ташаккули маҷмӯи шаклҳои хусусӣ ва давлатии ташкили истеҳсолу пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ як фазои иқтисодӣ (навъи омехтаи иқтисодиёт) барои ҳамкории механизмҳои вазъи бозорӣ ва иштироки сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ ё амали ниҳодҳои давлатӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ба вуҷуд омадааст.

3. Тамоюли устувори рушди истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ, ки аз табиати давлати иҷтимоӣ бармеояд, дар мамлакат ва минтақаҳои он муаяйн карда шуда, афзалияти вилояти Суғд дар миёни минтақаҳо ҷудо карда шудааст; таносуби муносиби истеҳсолот ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ байни марказ ва минтақаҳо, таъминоти захиравии он муайян карда шудааст; меъёрҳои мушаххаскунандаи типологияи бахши давлатии иқтисодиёт дар сатҳи минтақавӣ таҳия карда шудаанд ва дар заминаи онҳо алгоритми интихоби субъект, объект ва механизми идоракунии рушди истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо дар соҳаҳои мазкур пешниҳод карда шудааст.

4. Дар асоси таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ, вобастагии суръати афзоиши МММ-и вилояти Суғд аз омилҳои таъсиррасони суръати афзоиши хароҷоти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ муайян карда шуд, ки барои таҳияи ояндабинии дурнамои рушди идоракунии бахши давлатии иқтисодиёт дар истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои (хизматрасониҳои) муҳимми иҷтимоӣ истифода шаванд;

5. Тавсияҳои методӣ барои арзёбии фаъолият ва самаранокии низоми идоракунии бахши давлатии иқтисодиёти вилояти Суғди ҷумҳурӣ дар соҳаи истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ асоснок карда шуданд, ки ба такмил додани низоми идоракунӣ баҳри муносиб гардонидани хароҷоти буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, идоракунии сифати

неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва истеҳсолот, ки ба эҳтиёҷоти сокинони ҷомеаи минтақа равона карда шудаанд, имкон медиҳад.

6. Тавсияҳо доир ба фаъол гардонидани тамоюли стратегии низоми идоракунии иқтисодиёти бахши давлатии вилояти Суғд дар самти истеҳсолу пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ, ки зарурати такмили стандартҳои неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, муносибгардонии сохтори бахши давлатӣ тавассути афзоиши ҳиссаи институтсионалии худмухтор ва ташкилоти ғайритиҷоратии ғайриҳукуматӣ ва рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро вобаста ба талаботи марҳалаи нави рушди мамлакат ва минтақаҳои он дар бар мегиранд, пешниҳод карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- дар асоси омӯзиши муқарраротҳи назариявӣ моҳият ва сохтори неъматҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объекти бахши давлатии иқтисодиёт саҳеҳ карда шуданд;

- таҳқиқи рушди низоми институтсионалии бахши давлатии иқтисодӣ дар соҳаи пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ;

- дар натиҷаи таҳлил арзёбии марҳилаҳои муосири рушди бахши давлатии иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ;

- таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ ва арзёбии суръати афзоиши МММ-и вилояти Суғд аз омилҳои таъсиррасони суръати афзоиши хароҷоти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ;

- асоснок намоии тавсияҳои методӣ барои арзёбии фаъолият ва самаранокии низоми идоракунии бахши давлатии иқтисодиёти вилояти Суғди ҷумҳурӣ дар соҳаи истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ;

- пешниҳоди самтҳо ва роҳҳои фаъол гардонидани тамоюли стратегии низоми идоракунии иқтисодиёти бахши давлатии вилояти Суғд дар самти истеҳсолу пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми

иҷтимоӣ ва рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ вобаста ба талаботи марҳалаи нави рушди мамлакат ва минтақаҳои он.

**Аҳамияти назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсия.** Аксарияти муқаррароти таҳқиқоти илмӣ барои равшанӣ андохтан ва инкишофи назарияи неъматҳои ҷамъиятӣ, пурра гардидани дониш дар бораи иқтисодиёти бахши давлатӣ дар пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои ҳосилшудаи таҳқиқоти илмиро барои ташаккули низоми муассири идоракунии бахши давлатии иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Тавсияҳои методӣ ва амалии таҳиякардаи муаллиф дар раванди таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар курсҳои таълимии "Иқтисоди бахши давлатӣ", "Танзими давлатии иқтисод", "Иқтисоди минтақавӣ ва менеҷмент", инчунин дар таҳияи курсҳои махсуси менеҷмент дар соҳаи иҷтимоӣ истифода шуда метавонанд.

Методология ва амсилаи пешниҳодкардаи муаллифро дар фаъолияти Мақомоти ҳокимияти маҳаллии давлатӣ, ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатии бахши давлатӣ барои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти онҳо ва таҳияи тавсияҳо оид ба рушди минбаъдаи бахши давлатии иқтисодиёти вилояти Суғд ва такмили низоми идоракунӣ, ки ба қонеъ кардани эҳтиёҷоти иҷтимоии минтақаи мазкур равона карда шудааст, истифода бурдан мумкин аст.

Аз рӯи натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмии дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда чоп шудааст.

**Феҳрасти интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия дар нашриёҳо ва маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**А) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Азимова М.М. Зарурияти рушди иқтидори ташкилӣ иқтисодии сектори ҷамъиятӣ дар деҳот [Матн] / М.М. Азимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2020. - №5. - С. 107-113 (ISSN 2413-5151).

2. Азимова М.М. Мазмун ва сохтори неъматҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объекти бахши давлатии иқтисод [Матн] / М.М. Азимова, // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - Хуҷанд, 2021. №1(56). - С. 57-64 (ISSN 2077-4974).

3. Азимова М.М. Хусусиятҳои минтақавии фаъолияти бахши давлатӣ дар соҳаи таъмини неъматҳои муҳими иҷтимоӣ [Матн] / С.А.Мирсаидов, М.М. Азимова //Иқтисодиёти Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. №4(1). - С. 165-171.

4. Азимова М.М. Таснифи хусусиятҳои неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва зарурияти такмили низоми бозори он. [Матн] / М.М. Азимова, // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - Ҳуҷанд, 2023. №1(64). -

**Б) Мақолаҳои илмие, ки дар нашриёҳои дигар чоп шудаанд:**

5. Азимова М.М. Перспективные направления общественного сектора экономики Республики Таджикистан. Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: «Тоҷикистон дар асри XXI: дурнамои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ». - Хуҷанд: Ношир, 2015. - С. 163 - 167. (0,3ҷ.ч.).

6. Азимова М.М. Роль государства в общественном секторе экономики Республики Таджикистан. Конференсияи илмӣ - назариявии олимону устодон ва донишҷӯён таҳти унвони: «Нақши илм дар ташаккули давлатдории миллӣ». - Хуҷанд: Дабир, 2016. - С. 136 - 139. (0,25 ҷ.ч.).

7. Азимова М.М. Теоретические аспекты организации общественного сектора. Конференсияи илмӣ-амалии олимон, муҳаққиқони ҷавон, магистрантон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ таҳти унвони: "Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ - муаррифгари фарҳанги миллӣ", бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. - Хуҷанд, 2018. - С. 6 - 8. (0,2 ҷ.ч.).

8. Азимова М.М. Инкишофи низоми ниҳодҳои заминавии бахши ҷамъиятии иқтисодиёти минтақа дар бахши неъматҳои муҳити иҷтимоӣ. Конференсияи анъанавии илмӣ-амалии олимону профессорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони: "Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақами", бахшида ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи илми тоҷик. - Хуҷанд, 2020. - С. 141 – 144. (0,25 ҷ.ч.).

9. Азимова М.М. Мавқеъ ва аҳамияти неъматҳои муҳими иҷтимоӣ дар бахши ҷамъиятии иқтисодиёт. Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ. // Маводи форуми ҷумҳуриявии иқтисодӣ, бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Хуҷанд: Дабир, 2020. - С. 375 - 378. (0,25 ҷ.ч.).

10. Азимова М.М. Асосҳои ниҳодии рушди бахши ҷамъиятии давлатии иқтисодиёти минтақа. /С.А. Мирсаидов, М.М. Азимова //. Конференсияи илмӣ-амалии олимону профессорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони: "Илм ва инноватсия дар низоми татбиқи ҳадафҳои Стратегии миллӣ", бахшида ба 30 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи илми тоҷик. - Хуҷанд, 2021. - С. 5 - 12. (0,5 ҷ.ч.).

11. Азимова М.М. Самтҳои афзалиятноки рушди бахши давлатии иқтисодиёт дар минтақа. Конференсияи анъанавии илмӣ-амалии профессорон омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ бахшида ба эълон гаштани солҳои 2020-2026 "Солҳои рушди саноат" ва Рӯзи илми тоҷик таҳти унвони: "Ҳамгироии илм ва истеҳсолот баҳри татбиқи ҳадафҳои стратегияи миллӣ". - Хуҷанд, 2022. - С. 103- 107. (0,3 ҷ.ч.).

Ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети бизнес ва идоракунии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар ҳайати муқарризон:

- мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров", доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Алиҷонов Ҷ.А.

- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Зокирова Ш.М.

- роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирсаидов С.А.

- **аз ҷумла даъватшудагон**: д.и.и., профессор Бойматов А.А., д.и.и., профессор Ризоқулов Т.Р – муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, н.и.и., дотсент Самадова З.А – сардори раёсати корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, н.и.ф., дотсент Атомуллоева М.А - мудири шӯъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ педагогӣ ДДҲБСТ, н.и.и., дотсент Туразода Ҷ.А - декани факултети бизнес ва идоракунӣ, н.и.и., дотсент Ахмедова М.А – муовини декан оид ба корҳои илмӣ, н.и.и., муаллими калон Исоқов М.Т - муовини декан оид ба корҳои тарбия, муаллими калон Турсунова З.Ғ – эдвайзер – мушовири академӣ, н.и.и., дотсент Қаюмов Ф.Ғ – мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақа, н.и.и., дотсент Тошматова М.Д - мудири кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ, н.и.и., дотсент Шамсиев Ф.К - мудири кафедраи менеҷмент, н.и.к-й., дотсент Хӯҷаназарова М.И - мудири кафедраи маркетинг – агробизнес, н.и.и., дотсент Бобоҷонова З.Ғ – раиси кумитаи иттифоқи касаба, муаллими калон Умарова С.И – раиси Шӯрои илмӣ – методии факултет, муаллими калон Ҳоҷибоева М.А – раиси бонувон ва духтарони факултет, муаллими калон Абдураҳмонова Б.А – саркуратори факултет, ассистент Зиёев М.А – раиси созмони ҷавонони факултет, Абдурашидова М.А – офис – бақайдгирандаи факултет, ассистент Муҳиддинова М.А - мудири синфхонаи компютерӣ баргузор гардид.

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Азимова Муқадасхон Мухамедовна дар мавзуи: «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт пешниҳод гардидааст, ки таҳқиқоти илмӣ – тахассусии самти иқтисоди муҳим барои рушди иқтисодиёти бахши давлатии хизматрасониҳо арзёбӣ гаштааст. Он тамоми хусусиятҳои кори диссертатсиониро дар худ таҷассум менамояд.

2. Бо дарназардошти аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда, дурустии муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, навоварии илмии натиҷаҳои бадастомада, баррасиҳои мусбати мудири кафедраи назарияи иқтисодии МТД ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Алиҷонов Ҷ.А., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Зокирова Ш.М., суханронии роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов С.А., н.и.и., дотсент Туразода Ҷ.А., н.и.и., дотсент Ахмедова М.А., н.и.и., дотсент Қаюмов Ф.Ғ инчунин бо назардошти маълумоти унвонҷӯ оид ба тағйироте, ки ба диссертатсия ворид кардааст, мувофиқи эродҳое, ки ҳангоми муҳокимаи рисолаи номзадӣ дар ҷаласаи васеи факултет баён шудааст, рисолаи илмии Азимова Муқадасхон Мухамедовна дар мавзуи:«Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт, ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод карда шавад.

3. Иҷрои қарори мазкури Шӯрои олимони факултети бизнес ва идоракунии ДДҲБСТ ба декани факултет, раиси ҷаласа н.и.и., дотсент Туразода Ҷ.А гузошта шавад.

4. Аз раёсати донишгоҳ дархост карда шавад, ки ба унвонҷӯ Азимова Муқадасхон Мухамедовна ҷиҳати ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мактуби ҳамроҳ дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети бизнес ва идоракунии Донишгоҳи давлатии, ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон якдилона қабул карда шуд.

Дар овоздиҳӣ оид ба масъалаи мазкур 15 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ чунин муайян гардид:

“ тарафдор ” – 15,

“ зид ” – нест,

“ бетараф ” – нест.

Протоколи № 8 аз 16.03 соли 2023 тасдиқ гардидааст.

Раиси ҷаласа Шӯрои олимони
факултети бизнес ва идоракунии ДДҲБСТ,
н.и.и., дотсент ____________ Туразода Ҷ.А.

Котиби ҷаласа Шӯрои олимони
факултети бизнес ва идоракунии ДДҲБСТ,
н.и.и., дотсент ____________ Ахмедова М.А.

Муқарриз: д.и.и., дотсент ____________ Алиҷонов Ҷ.А.

Муқарриз: н.и.и., дотсент ____________ Зокирова Ш.М.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон ____________ Мирпоччоев И.Ҳ.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш.Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1, ДДҲБСТ
тел: + 992 (3422) 2 38 11 www.tsulbp. tj